***УДК 8***
***ББК 80***

***ПАДИДАИ НАВ ДАР МАТНШИНОСИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ. Тақриз ба китоби Муҳаммадшариф ибни Шоҳбадал ибни Маликшоҳ. Маноқиби Шайх Маслаҳатдини Хуҷандӣ. Муқаддима, тасҳеҳ, тавзеҳ ва таълиқоту феҳристҳо аз Содирхон Умаров. – Хуҷанд: Ношир, 2015. -448 с.***

***Ғиёсов Нурулло Исматович,***
*н.и.филол., дотсенти кафедраи грамматикаи забони арабии ДДХ ба номи Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***НОВОЕ ЯВЛЕНИЕ В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ТЕКСТОЛОГИИ Рецензия на книгу Мухаммадшарифа ибн Шохбадала ибн Маликшаха .” Житие Шейха Маслахатдина Худжанди”. Предисловие, редакция, комментарии, приложение и указатели Содирхона Умарова. – Худжанд: Ношир, 2015. – 448 с.***

***Гиясов Нурулло Исматович,***
*к.филол.н., доцент кафедры грамматики арабского языка ХГУ им. акад. Б.Г.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

***NEW PHENOMENA IN MODERN TAJIK TEXTOLOGY. Review of the Book: The Righteous Life of Sheykh Maslahatdin Khujandi. Preface, Recension, Commentaries, Supplement and Indicators by Sodirhon Umarov. – Khujand: Editor, 2015. – 448 pp.***

***Ghiyosov Nurullo Ismatovich****,*
*candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of the grammar of the Arabic language under KhSU named after acad. B. Gafurov*
***E-MAIL****: nur-1954@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *матншиносӣ, маноқиб, матни илмӣ-интиқодӣ, дастхат, “Маноқиби Шайх Маслаҳатдини Хуҷандӣ”, топография ва топонимикаи Хуҷанди қуруни вусто*

*Мақолаи мазкур ба вежагиҳои матни интиқодӣ-илмии асари Муҳаммадшариф ибни Шоҳбадал ибни Маликшоҳ – асари муҳими таърихии нимаи аввали а.XIX “Маноқиби Шайх Маслаҳатдини Хуҷандӣ” ва мақоми он дар матншиносии муосири тоҷикӣ бахшида шудааст. Матни илмӣ-интиқодии ин ёдгории пурарзиш дар асоси муқоисаву муқобалаи панҷ нусхаи дастнавис муттако бар нусхаи комилтару қадимтар бо истифодаи усулҳову дарёфтҳои нави илмии матншиносии муосири тоҷикӣ таҳия гардидааст. Муаллиф бо овардани далелҳо хулоса мекунад, ки ин асар барои таҳқиқи минбаъдаи жанри маноқиб, ки дар адабиёти асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ аз жанрҳои маъмул буду имрӯз дар бораи он бо сабабҳои гуногун иттилои зиёд надорем, бисёр муҳим аст. Гузашта аз ин, асар дар таҳқиқи топография ва топонимикаи Хуҷанди қуруни вусто мусоидати зиёд намуда, дар матншиносии амалии имрӯза падидаи тоза мебошад.*

***Ключевые слова:*** *текстология, жизнеописание или житие (как жанр), научно-критический текст, рукопись, “Житие Шейха Маслахатдина Худжанди”, топография, топонимика средневекового Худжанда*

*Изложен анализ мало известного современной науке труда Мухаммадшарифа ибн Шахбадала ибн Маликшаха – важного исторического сочинения начала XIX в. «Житие Шейха Маслахатдина Худжанди» и определено его место в современной таджикской текстологии. Показывается, что научно-критический текст этого труда подготовлен на основе самой полной и древней рукописи в сопоставлении с четырьмя различными копиями произведения. Подчеркивается, что при подготовке текста соблюдены основные методы и принципы современной текстологии. Обоснован вывод, что рассматриваемый труд может внести значительный вклад в изучение мало известного в современной таджикско-персидской литературе жанра "манокиб", т.е. житий известных религиозных деятелей, топографии и топонимики средневекового Худжанда, а также в решение вопросов современной практической текстологии.*

***Key-words:*** *textology, life description or righteous life description (as a genre), scientific-critical text, manuscript, "The Righteous Life of Sheykh Maslahaddin Khujandi", topography and toponymy of ancient Khujand.*

*The article dwells on the important historical composition of the beginning of the XIX-th century "The Righteous Life of Sheykh Maslahatdin Khujandi" – the literary production by Shahbadal ibn Malikshakh, scantily known to contemporary science; its place in modern Tajik textology being determined. It is displayed that the scientific-critical text of this work is prepared on the basis of the most complete ancientest manuscript correlated with four different replicas of the production in question. It is stressed that main methods and principles of modern textology were observed when the text was being prepared. The well-grounded inference runs to the effect that the work under consideration can contribute greatly into a study of the genre of "Manokib" scantily known to modern Tajik-Persian literature, i. e., a description of righteous life description of renowned religious votaries, topography and toponymy of mediaeval Khujand and into a settlement of the issues beset with contemporary practical textology as well.*

Дар се қарни аввали ҳиҷрӣ дар тамоми қаламрави ислом мазоҳибу макотиби мутааддиди фиқҳӣ ба вуҷуд омаданд, ки зербинои назарии ҳар яки он мазоҳиб ва равияҳои гуногун аз ҷониби бунёдгузорони он ва шогирдони эшон тарҳрезӣ шуда буд. Пас аз ташаккул ва густариши улуми мухталифи шаръӣ пайравони он ба шинохти шахсият ва пайкори эшон дар роҳи ошно намудани мардум бо суханони Худой, азза ва ҷалла ва суннати Расули Акрам (с) аҳамияти вежа медоданд ва силсилаи кутубе дар ин ҷода таълиф шудааст, ки бо номи "Маноқиб" машҳур аст. "Маноқиб"вожаи арабӣ ва шакли ҷамъи "манқабат" мебошад, ки он дар фарҳангҳои тафсирии арабӣ ба маънии "сифати шоёни таҳсин", "чизи дархӯрди ситоиш"таъбир ёфтааст (1, с.232; 2, с.1438).

Дар фарҳангҳои тафсирии мо, ба мисли"Ғиёс-ул-луғот","авсофи ҳамида" тафсир шудааст (3, с. 301).

Аз он ки ин вожа дар ашъори шоирони қуруни вусто ва чунин осори бадеӣ-илмӣ, ба мисли "Калила ва Димна", "Таърихи Байҳақӣ", "Форснома"-и Ибни Балхӣ, ашъори ИбниЯмин, Носири Хусрав ва дигарон корбаст шудааст, метавон хулоса кард, ки ҳанӯз дар ибтидои пайдоиш ва рушди забони дарӣ-тоҷикӣ дар радифи калимаҳо -истилоҳҳои динии арабӣ ба забони мо роҳ ёфтааст, ки на танҳо аз қидмати

он, балки аз ҷойгоҳи ин мафҳум дар фарҳанги динии ниёгони мо дар ин қурун шаҳодат медиҳад. Ибни Ямин мефармояд:

*Манқабат аз ҷону дил к-Ибни Ямин мегӯядаш,*
*Ҳаст изҳори убудият, на иншои сано!*

Ин аст, ки дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" "манқабат" ба ду маънӣ тавзеҳ ёфтааст: 1. ҳунар, фазилат; кори нек ва рафтори писандида, ки сазовори мадҳу ситоиш аст; 2. мадҳ, ситоиш, сано (4, с. 636).

Табиист, ки сухан дар бораи маҳомид, сано ва ситоиши Расули Акрам (с), аиммаи чаҳоргонаи мазҳаб, асҳоби кибор ва авлиёу уламои бузург меравад, ки баъдтар ҳамчун як жанри адабӣ мақоми хоссаи худро пайдо ва аз ҷониби аҳли илм ва алоқамандон эътироф шуд. Оғози маноқибнависӣ ба рӯзгор ва осори аимма, уламою урафо ва машоиху аҳли тасаввуф алоқаи бевосита дорад. Мавҷудияти кутуби бисёре, ки дар сифот ва корномаи зиндагии хулафои рошидин, аиммаи мазоҳиб, асҳоби тасаввуф ва ғайра навишта шудаанд, далели ин ақида аст, ки мардуми мусалмон дар баробари ошноӣ бо ин шахсиятҳои хориқулода ва ақидаҳои эшон таълимот ва афкори эшонро ҳамчун василаи дарёфти худ ва Худо, нардбон ба сӯи дини Худой ва суннати Расули Акрам (с), дарки фалсафаи ислом ва аҳкоми шаръӣ медонистанд, ки дар зиндагӣ ва охират ба онҳо кӯмак мерасонанд. "Маноқиби Имоми Аъзам"-и Ибни Ҳаҷар (5), "Маноқиби Имом Шофеӣ"-и Муҳаммад ибни Муҳаммад, "Маноқиби Ҳазрати Ғавсулаъзам"-и Шоҳ Сиддиқи Қодирӣ, "Маноқиби Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ"-и Муҳаммади Муставфӣ (6, с.38), "Маноқиб-ул-орифин"-и Шамсуддин Аҳмад ал-Афлокӣ ал-Орифӣ (7) ва ғайраҳо аз зумраи инҳоанд. "Маноқиби Шайх Маслаҳатдини Хуҷандӣ" низ аз ҳамингуна таълифот маҳсуб мешавад, ки дар он иттилои зиёде на танҳо аз рӯзгори Шайх, ақида ва осори ӯ, балки роҷеъ ба 50 нафар шахсияти маъруфи воҳаи таърихии Хуҷанд аз ҷумлаи уламо, урафо, удабо ва умаро, ба мисли Ҳазрати Бобои Хуҷандӣ, Бурҳониддини Кабир, Хоҷаи Моҳрӯй, Бобохоҷа Авлиё, Шайх Низомуддини Воқиф, Тукма Буғрохони Ғозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Бобо Зирак, Хоҷа Муҳаммади Балодур, Мавлоно Ошиқӣ, Хоҷа Найсавор, Эшони Шайдо ва дигарон ҷамъоварӣ шудааст.

Хидмати вофири мураттиби матн - Содирхон Умаров маҳз дар истифодаи муаррихон, этнографҳо, забоншиносон, адабиётшиносон вогузор намудани ин сарчашмаи муҳим роҷеъ ба рӯзгор ва пайкори яке аз фарзандони бедори миллати тоҷик, таърихи яке аз обидаҳои арзишманди на танҳо Хуҷанд, балки тамоми Тоҷикистон ва водии Фарғона ва муҳити илмӣ-адабӣ ва фарҳангии ин минтақа дар қарнҳои XIII ба баъд зоҳир мешавад.

Китоби нашрнамудаи Содирхон Умаров аз қисматҳои зерин иборат аст: 1. Муқаддима (саҳ. 5-52); 2. Матни нусхаи асари Муҳаммадшариф ибни Шоҳбадал таҳти унвони "Маноқиби Шайх Маслаҳатдини Хуҷандӣ" (саҳ. 53-231); 3. Таълиқоти порчаҳои насрӣ (саҳ.232-363); 4. Таълиқоти порчаҳои назмӣ (саҳ.364-401); 5. Тавзеҳоти ҷумлаву ибораҳои арабӣ (с.402-405 ); 6. Феҳристҳои ашхос, амокин, унсурҳои табиӣ, иншоот ва адабиёти мавриди истифода (саҳ. 406-435); 7. Китобнома; 8. Расми ёдгориҳои таърихӣ (саҳ. 436-446).

Дар қисмати муқаддима Содирхон Умаров бо такя бар матни аслӣ ва кутуби дигари муаррихони қадиму ҷадид роҷеъ ба зиндагӣ ва осори илмӣ-адабии Шайх Маслаҳатдин, омӯзиши маноқибнависӣ дар осори муҳаққиқон, мушаххасоти нусхаҳои хаттии "Маноқиби Шайх Маслаҳатдини Хуҷандӣ", шахсияти муаллифи

“Маноқиби Шайх Маслаҳатдини Хуҷандӣ”, таърихи нигориши ин асар, мундариҷа ва бандубасти он, услуб ва сабки нигориши асар, сарчашмаҳои муаллиф ҳини нигориш, арзиши таърихиву адабии асари Муҳаммадшариф ибни Шоҳбадал, шеваи кори худ маълумоти мабсуте меорад. Ҳамчунин дар ин қисмати китоб, ки зиёда аз 40 саҳифа мебошад, намунаҳои аксии нусхаҳои дастрасшудаю мустафод оварда шудааст, ки хонандаро каме ҳам бошад, бо вазъи нусхаҳои гуногуну дастхати ин асар ошно месозад. Лозим ба таъкид аст, ки муҳаққиқи матнишинос тахмин 20 соли умри хешро барои ҷамъ намудани ин нусхаҳо ва маълумоти дигар роҷеъ ба Шайх Маслаҳатдин, шахсони таърихии дар нусхаҳои маноқиб зикргардида ва ҷойҳои таърихӣ сарф намудааст.

Содирхон Умаров таъкид месозад, ки асар шомили тахмин 100 нақл аст ва аз онҳо 27 нақл ба рӯзгору осори Шайх Маслаҳатдин бахшида шудааст, ки дар эҳё намудани симои аслии ин орифи бузург нақши муассир доранд (6, с. 42).

Муаллифи асар, таъкид мекунад С. Умаров, зимни ривоёт аз асомин 17 мавзеи аҳолинишин, аз ҷумла деҳаҳои Пулчуқур, Рӯмон, Унҷӣ, Даштак, Ғозиён, Сароб, Исфона ва ғ; маҳаллаҳои Раззоқ, МасҷидиСурх, Сари Баландӣ, Кӯйи Саллабофт, Таҳти Тути Калон; меъмориҳои таърихии Арки Хуҷанд, гунбази Шайх Маслаҳатдин, мадрасаи Хиштин, хонақоҳи Ҳазрати Бобо; дарвозаҳои Қалъаи Нав, Қозӣ, Чаҳорчароғ ва ғайраҳо зикр намудааст, ки барои барқарор намудан ва омӯхтани топография ва топонимикаи Хуҷанди қуруни вусто ва навоҳии тобеи он аҳамияти вежа дорад. Нақлҳои боқии асар ба мавзӯъҳои гуногун иртибот дорад, аз ҷумла ҳуҷуми муғулон ба Мовароуннаҳр, кушта шудани Наҷмуддини Кубро ва Фаридуддини Аттор аз дасти онҳо, каромоти Бобо Мочин, муҳосираи Хуҷанд ва корнамоии Темурмалик дар онҳо ривоят карда мешавад.

Қисми дигари “Маноқиби Шайх Маслаҳатдини Хуҷандӣ” фарогири нақлҳои аз Мадинаи Мунаввара омадани Сайид Камолуддин ба Ӯзганд ва истиқбол намудани ӯ аз ҷониби хони қарахонӣ - Элик Мозӣ, ба никоҳи Сайид Камолуддин даромадани духтари хони мазкур ва таваллуд шудани Бурҳониддини Қиличи Ӯзгандӣ ва каромоташ, шикояти мазлумаи кошғарӣ аз зулми золим ба Шайх Маслаҳатдин, сӯҳбати Шайхи Хуҷандӣ бо Шайх Низомуддини Воқифи Хуҷандӣ ва ҷойи дафни дуюмин, ба зиёрати Шайхи Маслаҳат омадани Ҷалолуддини Саточии Бухороӣ, нақли дидори муриди Абӯтуроби Нахшабӣ бо Боязиди Бастомӣ, омадани Махдуми Аъзами Даҳбедӣ ба зиёрати мазори Шайх Маслаҳатдин ва ҷойи қабри Имом Қоидӣ ва мавзӯъҳои дигар мебошад (6, с. 35).

Дар маноқиб, ба қавли Содирхон Умаров, се нақле ҳам омадааст, ки ҳеҷ робитае ба таърихи шаҳри Хуҷанд надоранд, чун омадани Шайх Шамсуддин аз Самарқанд ба Ӯзганд, баёни расидани Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ ба сӯҳбати Бурҳонуддини Соғарҷӣ ва каромоти Бурҳонуддини Соғарҷӣ (6, с. 37).

Нуктаи дигари муҳим ҷамъ овардани нусхаҳои хаттии асар аз ҷониби Содирхон Умаров мебошад. Ӯ тавонистааст, ки 5 нусхаи хаттии дар ганҷинаҳои китобхонаҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Покистон ва китобхонаи шахсони алоҳида маҳфузбударо дастҷамъ ва мавриди истифода қарор диҳад. Ин нусхаҳоро ӯ ба се даста тақсим намудааст : 1) нусхаҳои комил 2) нусхаҳои мухтасар 3) нусхаҳои ёрирасон.

Баъди таҳқиқу баррасии мушаххасоти ҳар панҷ нусха ӯ нусхаи дар шӯъбаи дастхатҳои Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Беруниро тахти шумораи 3305/7 бино бар сабаби пуррагии матн ва

замони рӯйнавис шуданаш- 1308 ҳ./1890 м. нусхаи асос қарор додааст. Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки нусхабадалҳоро бо риояи меъёрҳои илми нусхашиносӣ бо муайян намудани мушаххасоти нусхаҳо иҷро намуда, матни онро бо нусхаи асл наздик намояд.

Мутаассифона, шахсияти котиб ва маҳалли насх маълум нест. Матни маноқиб 177 саҳифаи китобро фарогир буда, тамоми матн мӯшикофона бо чаҳор нусхаи дигари он қиёсу муқобала ва фарқиятҳои ин нусхаҳо дар ҳошияи саҳифа нишон дода шудааст. Масалан, дар як ҷумлаи “Вилоят муштақ аз “валā”, ки ба маънии “қурб” аст ва он қурб бар ду қисм аст: вилояти ом ва вилояти хос” мураттиб дар чор маврид дар ҳошия тавзеҳ медиҳад: 1. Дар нусхаи Х “Бояд донистан, ки вилоят”: П, Г – Нақл аст, ки вилоят 2. Дар нусхаҳои Х, П, Г вожаи “қурб” наёмадааст 3. Дар нусхаи Г ба ҷои хос ом 4. Дар нусхаи П ба ҷои хос хоса ва дар Г ба ҷои хос ом (6, с. 61-62).

Мураттиби асар танҳо бо қиёсу муқобала қонеъ нашуда дар ҳошия ҷо-ҷо шарҳу тавзеҳоти хешро нисбати ин ё он калима, ибора ва ҷумлаҳои машкук овардааст, ки барои дарки маънӣ ва мақсади муаллиф ба хонанда кӯмак мерасонад. Филмасал, дар саҳифаи 58 дар ҳошия метавон чунин тавзеҳро хонд: “Дар ин мисраъ ба эҳтимоли қавӣ калимаи “Аҳмад” афтодааст ва шакли дурусташ бояд ки чунин бошад: Ба дини Аҳмади мурсал яқинам” (6, ҳошияи с.58).

Ё худ, дар шарҳи калимаи “сакина” дар ҷумлаи “Саййид Камолуддин дар Мадина сакинаи ҳазрати Расулуллоҳ, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, буда...” баробари қайд намудани ин нукта, ки дар ҳамаи нусхаҳо ин вожа дар ҳамин шакл омадааст, тавзеҳ медиҳад: “Вобаста аз мазмуни ҷумла, ки ба макон ишорат мекунад, бояд “сакана” бошад, яъне оромӣ, сукунат ва ё дар ҷое қарор гирифтан” (6, с.122). Гузашта аз ин, мураттиби матн ба дараҷае ҳифз аз асолати матни маноқиб кардааст, ки даст ба ислоҳи хатоҳои маҳзи имлоии котибони нусхаҳои қаламӣ ҳам назадааст, дар ҳоле ки ислоҳ намудани ин хатоҳо ба мазмуни матн ягон халале ворид намекунад. Ин услуби муҳаққиқи матншинос аз дараҷаи баланди масъулиятшиносии ӯ ва то кадом андоза балад буданаш ба меъёрҳову талаботи матншиносӣгувоҳӣ медиҳад. Бо назардошти маҳзҳамин меъёрҳои илмӣ Содирхон Умаров дар ҳошия ба ин хатоҳо ишора ва тарзи дурусти навишти вожаҳоро нишон додааст. Масалан,дар саҳифаи 175 дар ҳошия менависад: “Калимаи “сарв” бо саҳви ктибони ҳамаи нусхаҳо бо “со-и мусаллас” нодуруст навишта шудааст.”

Ё худ дар ҳошияи саҳифаи 195 омадааст: “Дар нусхаҳои Т, П, Г калимаи “ато”, ки ба маънии “падар” аст, нодуруст “ато” (манзури мураттиб то-и муаллаф аст – Н.Ғ.), яъне ба маънии “бахшишу ҷуд” навишта шудааст.”

Чунин иқдому шева сартосари матн ба мушоҳада мерасад ва далолат аз он мекунад, ки матншиноси мо дар баробари нишон додани тағйирот дар сурати зоҳирии ҳарфу ҳиҷо ва калимаю иборахо дар нусхаҳои гуногуни матн ва сурати аслиии асарро барқарор ва бо ҳамин нусхаи ба асл наздикро манзури алоқамандони чунин осор намудан, бо идроки маъно ва мафҳумҳои олии нависанда кӯшиш намудааст, ки матни интиқодӣ-илмиро ба хонандагон пешкаш намояд. Ин кори осон нест, зеро омода намудани матн бо қиёсу муқобала бо нусхаҳои дигар, шарҳу тавзеҳ ва таълиқот намудан ба матн аз мураттиб ва муҳаққиқи матни таърихӣ дасти комил доштан ба вазъи таърихию фарҳангӣ, сарчашмаҳои адабӣ, осори классикони аддабиёти тоҷикӣ-форсӣ, илмҳои мутадовили он замон, дину мазоҳиб, осори илмиву динии марбут ба тасаввуфу тариқат ва намудҳои он, алалхусус тариқати нақшбандия,

забон, хат ва навъҳои он ва ҳамчунин омилҳои гуногуни таъсиргузор ба сохтору мазмуни осори илмӣ-адабӣ, динӣ, таърихӣ ва ғайраро талаб мекунад.

Ба чоп расидани матни манокиб бар асоси равиши нақду тасҳеҳи муттако бар нусхаи комилтару қадимтар бо нишон додани шаклҳои дигари калима, ибора ва ҷумлаҳо дар нусхаҳои дигар бо шарҳи сабабҳои тарҷеҳи як забт бар забти дигар бо ҳифзи амонати илмӣ дар нусхаи асл, ки аз муҳимтарин талабот ҳини тайёр намудани нусхаи интиқодӣ маҳсуб меёбад ва ҳамчунин тавзеҳоту таълиқоти мабсут дар қисмати дигари китоб аз пуштвонаи қавии илмии муҳаққиқи китоби мазкур дарак медиҳад. Таълиқоти порчаҳои насрию назмие, ки мураттиб навиштааст, ҳаҷман аз матни асар зиёдтар буда, бархе аз ин таълиқот то 9 саҳифаи асарро фаро мегирад.

Хонанда ба шарофати ин таълиқот аз ҳаёт ва рӯзгори шахсони таърихӣ, мақом ва маназалати эшон, дар бораи амокини таърихии Хуҷанди бостонӣ, мазору мақбараҳои бузургони Хуҷанд, ки, мутаассифона, аксари онҳо солҳои 20-30 асри гузашта хароб ва несту нобуд шудаанд, сабабҳои номгузории маҳаллу оромгоҳҳои Хуҷанд ва ғайра ошно ва иттилои зиёду муфид мегирад. Масалан, мураттиби матн дар як таълиқоти хеш менависад: "...дар ҷониби шимолу шарқии ин қабристон (яъне, Боғи Охун – Н.Ғ.) дар ҳудуди маҳаллаи Нуруддин-махсум, дар кӯчаи Тошхоҷаи Асирӣ, дар кунҷи шимолии меҳмонхонаи маҳалла қабре мавҷуд аст, ки то ба ҳол номи шахси дафншуда маълум набуд. Акнун бо такя ба маълумоти "Манокиб" маълум гардид, ки ин қабр ҷойи дафни Хоҷа Муҳаммадсафо будааст" (6, с.305). Муаллифи манокиб ин шахсро аз ҷумлаи орифон муаррифӣ мекунад (6, с.192), вале дар бораи замони зиндагӣ ва ҷузъиёти рӯзгору пайкори ин шахс иттилои дигар дар даст надорем.

Мавриди қайд аст, ки дар таълиқоти порчаҳои насрӣ муҳаққиқи матншинос кӯшиш намудааст сарчашмаҳо ва асомии кутуби мавриди истифодаи Муҳаммадшариф ибни Шоҳбадал шударо низ шарҳу тавзеҳ диҳад, зеро муаллифи манокиб дар кам андар кам мавзеъҳои асари хеш ба онҳо ишора намудааст. Изофа бар ин, барои тасҳеҳи мазмуни порчаҳои нақлу ривоёт Содирхон Умаров аз сарчашмаҳои зиёд, ба мисли "Кашф-ул-маҳҷуб"-и Ҳуҷвирӣ, "Футуҳоти Маккия"-и Ибни Арабӣ, "Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс"-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, тазкираю манокибҳо, ба монанди "Музокираи дарвешон"-и Халифа Абдулазаизи Намангонӣ, "Манокиби Шайх Нуруддини Басир – Қутби Чаҳордаҳум"-и Абулҳасан ибни Хоҷа Юсуфуддин, "Баёни тариқаи нақшбандия"-и Дарвеш Абдуллоҳи Кошғарӣ ва 17 насабномаҳои аҳли Хуҷанд фаровон истифода намудааст, ки бархе аз онҳо то ба имрӯз ба доираҳои илмӣ маълум набуданд.

Лозим ба таъкид аст, ки матни дастхат шомили зиёда аз 600 байт шеър ҳам аст, ки Муҳаммадшариф ибни Шоҳбадал дар аксари авқот ба муаллифони он ишорае намекунад. Мураттиби матн дар қисмати "Таълиқоти порчаҳои назмӣ" (с.364-401) ҳар як аз порчаҳои назмиро шарҳу эзоҳ медиҳад. Аз рӯи шарҳу тавзеҳоти мабсути ӯ маълум гаштааст, ки қисми зиёди ин абёт аз маснавии "Мазҳар-ул-осор"-и Ҳошимии Кирмонӣ (140 байт), ки дар тақлид ба маснавии "Махзан-ул-асрор"-и Низомии Ганҷавӣ таълиф шудааст ва "Ҷомеъ-ул-асрор"-и Сулаймоншайх (91 байт), ки намояндаи силсилаи ҷаҳрияи тасаввуф мебошаду дар пайравӣ аз "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно дар охири асри XVI онро навиштааст, иқтибос шудааст. Ба ақидаи мо, ин тавзеҳоти ӯро метавон ба се даста тақсим кард:

1. Порчаҳои назмие, ки Содирхон Умаров мадраки онҳоро муайян ва дар бархе аз ҳолот аз сарчашмаи асл шакли саҳеҳи онро овардааст. Ағлаби порчаҳои назмии асар ба ҳамин гурӯҳ дохил мешавад. Аз шарҳи ӯ маълум мешавад, ки ин ашъор мансуб ба Фахруддини Гургонӣ, Носири Хусрав, Аттор, Ҷалолуддини Балхӣ, Низомии Ганҷавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Навоӣ, Асирии Лоҳиҷӣ, Маҳмуди Шабистарӣ, Ҳошимии Кирмонӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Ҳусайни Ҳиравӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Шӯхии Хуҷандӣ, Мирсаййид Шарифи Раҳим, Хоҷа Абулвафои Хоразмӣ, Хоҷа Аҳмади Ясавӣ ва дигарон мебошад.
2. Ашъори мансуб ба Шайх Маслаҳатдини Хуҷандӣ
3. Ашъоре, ки мураттиб мадраки онро пайдо карда натавонистааст.

Хулоса, бо як қаноатмандӣ метавон гуфт, ки бо чопи ин асар боз як сарчашмаи муҳими таърихӣ имрӯз ба гардиши илмӣ дароварда шуд. Гуфтаҳои боло имкон медиҳад таъкид аз он кунем, ки матни ин дастхати муҳим мабнӣ бар пояҳои илми матнишосии муосир ва ҷавобгӯ ба талаботи он омода шудааст ва воқеан ҳам дар матншиносии имрӯзаи мо падидаи нав ва муассир аст.

**Пайнавишт:**


1. *ал-Фирузободӣ. ал-Қомус ал-Муҳит, ҷ.1. - Байрут: Дор эҳё ат-турос ал-арабийи, 2000.*
2. *Ҷуброн Масъуд. ар-Роид. - Байрут: Дор ал-илми ли-л-малойин, 1967.*
3. *Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот, ҷ.2. - Душанбе: Адиб, 1988.*
4. *Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ.1. - М.: Советская энсиклопедия, 1969.*
5. *Ибни Ҳаҷар. Маноқиби Имоми Аъзам. Муқаддима, таҳия, таҳшия, таълиқот ва луғоти Н. Ғиёсов. - Хуҷанд: Ношир, 2011.*
6. *Муҳаммадшариф ибни Шоҳбадал. Маноқиби Шайх Маслаҳатдини Хуҷандӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоту феҳрастҳо аз С. Умаров. - Хуҷанд: Ношир, 2015.*
7. *ал-Афлокӣ ал-Орифӣ, Шамсуддин. Маноқиб-ул-орифин. Дар ду ҷилд. Ба кӯшиши Таҳсин Ёзиҷӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1375 ҳ.*


**Reference Literature:**


1. *Al-Firuzobodi, al-Qomus al Muhit (Interpretation Dictionary of the Arabic Language), V.1. – Beirut, 2000.*
2. *Djubrom Masud, ar-Roid (Interpretation Dictionary of the Arabic Language) – Beirut: All-Embracing Tree of Sciences, 1967.*
3. *Mukhammad Ghiyosuddin. Buttress Dictionary. V. 2. – Dushanbe: Man-of-Letters, 1988.*
4. *Interpretation Dictionary of the Tajik Language. V.1. –M.: Soviet Encyclopedia, 1969.*
5. *Ibni Khadjar. The Righteous Life of Imom Azam. Preface, recension, commentaries, supplement and indicators by N. Ghiyasov. – Khujand: Editor, 2011.*
6. *Mukhammadsharif ibni Shokhbadal. The Righteous Life of Sheykh Maslahaddin Khujandi. Preface, recension, commentaries, supplement and indicators by Sodirhon Umarov. – Khujand: Editor, 2015.*
7. *al-Afloki al Orifi, Shamsuddin. Manokib-ul-orifin (The Righteous Life of Mystics) in two volumes. Under the editorship of Takhsin Yozidgi. – Tehran: The World of Books, 1375 hijra.*